Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия (солҳои 2012-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)**

Дар кори диссертатсионии Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович яке аз мавзуҳои муҳимми таърихи муносибатҳои байналмилаӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки ба таҳлили муносиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар заминаи равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва башарӣ равона шудааст. Дар диссертатсия асосҳои таърихии ташаккули ҳамкориҳо, мушкилоти мавҷуда ва дурнамои рушди робитаҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Туркия баррасӣ мешаванд.

Мубрамии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ин пажуҳиш на танҳо робитаҳои таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркияро баррасӣ мекунад, балки омилҳои асосии сиёсӣ ва иқтисодии ташаккули ин ҳамкориҳоро бо такя ба манбаъҳои гуногун ва таҳлили амиқи омилҳои дохилӣ ва байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ин таҳқиқот метавонад ба рушди минбаъдаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркия ва дигар кишварҳо мусоидат намуда, барои таҳияи стратегияҳои самараноки ҳамкории байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишвар заминаи таҳлилӣ фароҳам оварад.

Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки бо дарназардошти нақши афзояндаи Ҷумҳурии Туркия дар муносибатҳои байналмилалии муосир ва иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохторҳои он, зарурати таҳқиқи амиқи ин робитаҳо беш аз пеш муҳим мегардад. Диссертатсияи пешниҳодшуда бо баррасии масоили калидӣ, мушкилоти мавҷуда ва дурнамои рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо Ҷумҳурии Туркия дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, яке аз таҳқиқоти илмии пурарзиш дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Дар раванди таҳқиқи мавзуи диссертатсия, муаллиф осори муҳақиқони мактабҳои гуногуни илмиро оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ, сиёсат ва иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Туркияро мариди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Бо дарназардошти гуногунҷанба будани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия, муаллиф адабиёти мавҷударо ба таври муайян гурӯҳбандӣ ва таҳлил намуда, самтҳои асосии рушд, мушкилоти мавҷуда ва дурнамои ҳамкориҳоро муайян намудааст. Дар заминаи таҳлил ва натиҷагириҳои адабиёти мавҷуда, инчунин бо такя ба воқеияти ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия, муаллиф андешаҳо хулосаҳо ва тавсияҳои хосеро пешниҳод намудааст, ки барои рушди равобит ва таҳияи стратегияи самараноки ҳамкории байналмилалӣ муҳим ва муфид ба назар мерасанд.

Заминаҳои асосии таҳқиқот ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия такя мекунанд. Аз ҷумла, дар таҳқиқот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ, ки ба танзими муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дахл доранд, диққати хос дода шудааст. Ҳамчунин таҳқиқот ба таҳлили санадҳои расмии Ҷумҳурии Туркия, созишномаҳо, қарорҳои қабулшуда ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии ниҳодҳои марбут ба ин кишвар такя мекунад,

ки барои фаҳмиши амиқ ва таҳлили равобити дуҷониба муҳим мебошанд.

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, байналмилалӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамаориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркияро ҳамбастагӣ бо равандҳои дигари геосиёсӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Бо истифода аз сарчашмаҳои аввалия ва дуюмдараҷа, инчунин таҳлилҳои муҷоисавӣ кушиш намудааст, ки механизми ташаккул ва таҳаввули ҳамкориҳо, мушкилоти мавҷуда ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро муайян созад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар диққати маълумотҳо, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофи будани ҳаҷми маводи таҳқиқоти, коркарди амиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот таҷассум меёбад. Натиҷаҳои таҳлилӣ ва пешниҳодҳо дар асоси таҳқиқоти назариявӣ ва таҳлили илмӣ пешниҳод шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳлили муносиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия ба тавсеи муносиботи сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва фарҳангӣ миёни кишварҳо дар чаҳорчӯбаи сиёсати «дарҳои боз» ва таҳаввулоти даврони охири XX ва оғози асри XXI равона гардидааст. Инчунин, тавсияҳои ҷиддӣ дар самти густариши ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-башарӣ байни Тоҷикистону Туркия, дар асоси таҳлили вазъи муосир пешниҳод гардидаанд. Ҳамчунин, дурнамо ва имкониятҳои нави ҳамкориҳо дар заминаи равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тахти муҳокима қарор гирифта, барои таҳкими минбаъда ва ташаккули муносибатҳои муассир бо Туркия тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

Аҳаммияти назаривии таҳқиқот дар муайян кардани муносибатҳои ҳамаориҳои Ҷумхурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия, инчунин баррасии масоили марбут ба ин мавзуи мусақили таҳқиқоти илмӣ иборат мебошад. Диссертатсия ба фаҳмиши амиқи масъалаҳо ва дурнамои

равобити ду кишвар мусоидат намуда, самтҳои асосии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-башариро дар қаринаи воқеиятҳои нави геополтикӣ таҳлил мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд барои сохторҳои марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парлумони кишвар, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоту муассисаҳое, ки ба фаъолияти байналмилалӣ машғуланд, муфид бошанд. Таҳқиқоти системавии омилҳои таърихӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ-иқтисодии ташаккули самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки арзёбиҳо роҷеъ ба дурнамои афзалиятҳои он ба таври назаррас мушоҳида шаванд. Тавсияҳои амалии таҳияшуда, ки бо истифодаи муносибатҳои ҷорӣ бо Туркия барои ба даст овардани манофеи миллӣ равона карда шудаанд, метавонанд дар банақшагирии ояндаи Тоҷикистон бо Туркия ва таҳкими робитаҳои дуҷониба бокишварҳои дигар нақши муҳим дошта бошанд. Бо илова, дар диссертатсия равиши байнисоҳавӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ба хусусиятҳои мавзуи таҳқиқот алоқаманд буда, ҷанбаҳои гуногуни он бо истифода аз дастовардҳои илмҳои таърихнигорӣ, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ омӯхта шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки муаллиф бо истифода аз усулҳо тавонистааст таҳқиқи амиқ ва дақиқ гузаронад. Таҳлили системавӣ, таърихӣ муқоисавӣ ва таҳлили омилӣ имкон доданд, ки ҳамаи ҷанбаҳои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия, аз ҷумла омилҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисоди ва фарҳангӣ ба таври ҳамаҷониба таҳлил шаванд. Ҳамзамон усулҳои таҳлилӣ, ки хос ба таҳлили таърихӣ-сиёсӣ мебошанд, муаллифро дар дарки равандҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ кӯмак кардаанд. Бо истифода аз ин усулҳо, таҳқиқоти муаллиф хосияти комил ва дақиқро ба даст оварда, ҳусни кор дар таҳлили мавзуъ ва пешниҳод кардани хулосаҳо ва тавсияҳо аён гаштааст. Сохтор ва мазмуни асосии

диссертатсия ба таври дақиқ аз мақсади асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқот бармеоянд. Диссертатсия аз номгӯи ихтисорот, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, панҷ зербоб, натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот, руйхати адабиёт, интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Муқаддимаи кори диссертатсионӣ дар асоси талабот ва стандартҳои меъёрии мавҷуда таҳия гардида, қоидаҳои тавсифи масъалаҳои ташкили таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври пурра ба назар гирифта шудаанд. Инчунин, талаботи низомномавӣ ва дастурамалҳои меъёрии Коиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба сохтори диссертатсия ва расмиятдарории он, ба таври қатъӣ риоя шудаанд. Дар боби аввал, ки «**Тамоюлҳои асосии рушди робитаҳои Тоҷикистон ва Туркия дар ибтидои асри XXI**» ном дорад, таҳлили амиқ дар бораи рушд ва таҳаввулоти сиёсати хориҷии Туркия ва таъсири он ба минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, пешкаш мешавад. Афзоиши иқтидор ва нуфузи Туркия дар сатҳи байналмилалӣ дар шаклгирии равандҳои сиёсию иқтисодӣ ва минтақавӣ нақши муҳим дошта, ба тағйироти муҳимми геополитикии минтақа таъсир расонида, таҳкими робитаҳо ва ҳамкориҳо байни кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон, ба вуҷуд омадааст.

Зербоби якуми ин боб «**Тағйироти бунёдии асосҳои назариявӣ - консептуалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия дар ибтидои асри XXI ва таъсири он ба рушди муносибатҳо бо ҶумҳурииТоҷикистон**» ном дошта, ба таҳқиқи муҳтаво ва мазмуни «Умқи стратегӣ...», ки дар сиёсати хориҷии Туркия нақши муҳимму асосиро мебозад, равона шудааст. Дар ин зербоб, таъсири ин стратегия ба равобити дуҷонибаи Туркия бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор мегирад. Дар раванди таҳқиқот, таваҷҷуҳ ба таҳаввулоти асосии сиёсати Туркия, ки дар заминаи рушд ва тавсеа дар соҳаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ қарор дорад, ҳамчунин таъсири он ба муносибатҳои

Туркия бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, ба вижа Осиёи Марказӣ, нигаронида шудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум «**Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Тоҷикистону Туркия дар формати дуҷониба ва бисёрҷониба**» таҳаввулоти муносибатҳои дуҷониба ва бисерҷониба миёни Тоҷикистону Туркия дар ҳошияи афзоиши нақши геополитикии Туркия дар минтақаи Осиёи Марказӣ таҳлил карда мешавад. Дар ин зербоб, диққат ба таъсири стратегияҳои сиёсии Туркия ва татбиқи сиёсати « Умқи стратегӣ...» дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷузъи он аст, дода мешавад. Муносибатҳо дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ арзёбӣ мегарданд, ки ба тавсеа ва таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар доираи афзоиши таъсири геополитикии Туркия мусоидат мекунанд.

Дар боби дуюми рисола «**Динамикаи робитаҳои байнидавлатӣ ва такомули асосҳои сиёсию ҳуқуқии муносибатҳо миёни Тоҷикистон ва Туркия дар ибтидои асри XXI**» таҳаввулоти асосии муносибатҳои дуҷониба байни Тоҷикистону Туркия дар марҳилаи кунунӣ таҳлил мешавад. Дар ин боб таваҷҷуҳ ба такомули асосҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии робитаҳои байнидавлатӣ, ки дар асоси санадҳо, созишномаҳо ва қарордодҳои дуҷониба ташаккул ёфтаанд, равона шудааст. Муаллиф ба таҳлили мушкилот ва имкониятҳои рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, бо назардошти вазъи кунунии геополитикӣ ва глобалӣ, инчунин ба таъсири пайвастшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия ба созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Зербоби якуми боби дуюм «**Самтҳои афзалиятноки тавсеаи муносибатҳо байни Тоҷикистону Туркия: тарҳҳои муштараки ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ** » ба таҳлили самтҳои асосии рушди робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии ду кишвар ва тарҳҳои муштарак дар ин соҳа равона шудааст. Дар ин зербоб, муаллиф ба таҳқиқи самтҳои асосии

ҳамкориҳои иқтисодии дуҷониба, аз ҷумла тиҷорат, сармоягузорӣ, технология ва инфрасохтор, мепардозад. Инчунин, таваҷҷуҳи хос ба тарҳҳои муштараке, ки бо иштироки ҳукуматҳо ва ширкатҳои хусусии Тоҷикистону Туркия барои рушди иқтисодиёт ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратии мутақобила таҳия шудаанд, зоҳир гардидааст. Муаллиф ба таҳлили омилҳои таъсиррасон ва имкониятҳои пойдори густариши робитаҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷоратию саноат, энергетика ва нақлиёт низ мепардозад.

**Зербоби 2, боби 2-юми рисола**, бо унвони «Ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия оид ба амнияти минтақавӣ», таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои ду кишварро дар соҳаи амнияти минтақавӣ, мубориза бо терроризм, ифротгароии динӣ ва пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дар бар мегирад.

Ҳамзамон, истифодаи андешаҳои муҳаққиқони тоҷик (Ш. Султонов, Э.У. Шарофов, Р. Собиров ва дигарон) ба таҳкими мавқеи илмии таҳқиқот мусоидат намудааст, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқи амнияти минтақавӣ, бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия аз адабиёти мазкур истифода менамояд, масоили гузошташударо ошкор менамояд. Дар натиҷа, муаллиф хулоса мекунад, ки бо вуҷуди таҳдидҳои сиёсиву амниятӣ дар Афғонистон ва тағйироти геополитикӣ, аз ҷумла хуруҷи нерӯҳои ғарбӣ ва авҷи фаъолияти Толибон, шарикии Тоҷикистону Туркия тавонистааст дар шаклгирии иқдомоти ҳамоҳангшудаи таъмини суботи минтақавӣ нақши назаррас бозад. Дар ҳамин робита, Туркия Тоҷикистонро ҳамчун шарики муҳимми сиёсати амниятии худ дар Осиёи Марказӣ арзёбӣ менамояд.

**Зербоби 3.** боби 2-юми рисола ба равобити фарҳангию гуманитарӣ бахшида шудааст. Яке аз марҳилаҳои калидӣ ва муҳимми рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои маориф, фарҳанг ва масоили башардӯстона миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия, ба имзои Протоколи иловагӣ ба Барномаи ҳамкорӣ ва табодули таҷриба дар бахши

маориф вобаста мебошад. Ин санади муҳимми байниҳукуматӣ, ки 16 октябри соли 2013 ба имзо расид, ҳамчун асоси ҳуқуқӣ ва амалии таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар самти рушди низоми таҳсилот, тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, таъмини шароити мусоид барои омӯзиши забон ва фарҳанги ҳар ду миллат, ҳамчунин густариши муносибатҳои фарҳангӣ ва илмӣ хизмат мекунад.

Ҳамин тавр, дар рисолаи мазкур таҳлилҳои амиқи илмӣ доир ба равобити дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар давраи солҳои 2012-2023 пешниҳод шудаанд. Паҳлуҳои асосии таҳқиқот масъалаҳо дар бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, амниятӣ ва дипломатиро дар бар гирифта, имконот ва чолишҳои мавҷударо дар ин заминаҳо арзёбӣ менамояд. Ҳамзамон, дар рисола дурнамои такими минбаъдаи муносибатҳои ду кишвар дар доираи манфиятҳои мутақобилан судманд пешниҳод шудааст.

Дар хулосаи таҳқиқот, муҳаққиқ натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияро бо тавсияҳои мушаххас ҷиҳати истифодаи амалӣ нишон додааст. Натиҷаҳои муҳимми илмии таҳқиқот дар 4-мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тахассусии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, инъикос ёфтаанд. Илова бар ин, муҳаққиқ бо маърӯзаҳо оид ба мавзуи таҳқиқот дар 2-конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ ширкат варзида, муҳимтарин нуктаҳои таҳқиқотро ба муҳокимаи илмӣ пешниҳод намудааст.

Дастовардҳои муаллифи диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, метавонанд ба беҳтар шудани дарки амиқ ва рушдиояндаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия мусоидат намоянд. Таҳқиқоти муаллиф донишҳоро дар бораи ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва фарҳангӣ-башарии ду кишвар васеъ мекунад, махсусан дар ҳошияи тағйирёбии вазъи байналмилалии муосирва таҳаввулотҳои ҷаҳонӣ.

Разоқов Ҷ.Ҳ. дар кори диссертатсионии худ дониши амиқ ва маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлил ва натиҷагириро нишон дода, қобилияти баланде барои гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмиро аз худ зоҳир кардааст. Кори диссертатсионӣ ба таври таҳқиқотӣ, таҳлилӣ ва таснифоти таълиф шуда, дар он андешаҳои муаллиф, ҳолатҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии масъалаҳои мавриди омӯзиш баитаври амиқ ва муфассал таҳия гардидаанд.

Кори диссертатсионӣ пажуҳиши илмии мустақилона буда, дорои мубрамият ва навгонии илмист. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ дар сатҳи зарурӣ анҷом дода шудааст ва таваҷҷуҳи амиқ ба ҷузъиёти муҳим ва таҳлилҳои ҳамоҳангии мавзуъҳо бо барномаҳои илмӣ ва заминаҳои методологии таҳқиқот таъмин карда шудааст. Таҳқиқот ба таври амиқ ва мантиқӣ, бо истифода аз сарчашмаҳои боэътимод ва заминаҳои эмпирикӣ таҳия шудааст, ки барои фаро гирифтан ва таҳлил намудани ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мазкур ва пайвастани назарияи илмӣ бо амал мусоидат мекунад. Кори диссертатсионӣ навгонии илмии муайян ва эътибори баландро доро буда, дар рушди илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, таърихӣ ва сиёсии ватанӣ мақоми арзишмандро доро мебошад.

Муҳтавои диссертатсия бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисосҳои илмии 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мквофиқат дошта, ба таҳқиқи амиқ ва муҳимми масъалаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бахшида шудааст.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло, диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия (солҳои 2012-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих), таҳқиқоти илмии мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқаррарҳудаи органи дахлдори давлатӣ, Комииссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя тавсия мегардад. Муаллифи диссертатсия Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 - таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессори
кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ
ва дипломатияи факултети таърих
ва муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Саидов Ҳ.С.

734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, к. М. Турсунзода, 30
МБТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон».
Тел. (корӣ): (+992 37) 227-85-24
E-mail: info@rtsu.tj
Сомонаи расмии муассиса: http://www.rtsu.tj

Имзои Ҳ.С. Саидовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

«13» 06 соли 2025